Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 32 саҳ.).**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии М.С. Раҷабзода бешубҳа мубрам буда, ба рушди илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ нигаронида шудааст. Мақомоти прокуратура дар шароити иҷтимоию иқтисодии имрӯза ягона мақомоте мебошад, ки волоияти қонунро дар кишвар таъмин намуда, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро ҳимоя мекунад.

Мақомоти прокуратура ба шохаҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ шомил набуда, ягон шохаи мустақили ҳокимияти давлатиро низ намояндагӣ намекунад. Дар айни замон дар механизми давлатдории миллӣ прокуратура нақши махсусро мебозад ва хизмат дар ин мақомот як намуди хоси хизмати давлатӣ мебошад, ки дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад.

Раҷабзода М.С. дар таҳқиқоти диссертатсионии худ таваҷҷуҳи бештар ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, аз ҷумла, таҳаввули хизмати давлатӣ дар мақомоти

мазкур, моҳияти хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва адои хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура, тарзҳои амалишавии ҳимоя ва ҳифзи иҷтимоию моддӣ ва ҳуқуқии хизматчиёни ин мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати зоҳир намуда, нисбат ба ҳолатҳои баҳснок баҳои асосноки ҳуқуқӣ додааст.

Муаллиф як қатор муқаррароти нави илмӣ, инчунин таклифҳои амалиеро пешниҳод намудааст, ки ба такмили механизми ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд. Муқаррарот ва хулосаҳои таҳиянамудаи муаллиф дар омӯзиш ва такмили минбаъдаи масоили ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти прокуратура аҳамияти муҳимми илмӣ доранд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Бе шубҳа метавон гуфт, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ аҳамияти калони назариявию амалиро соҳибанд. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти дар рисола нишондодашуда пурра ба мавзуи он мувофиқат мекунанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда равшан ва дуруст тартиб дода шудаанд, ки аз дурустии таҳқиқоти диссертатсиониро гувоҳи медиҳад.

Дар маҷмуъ, аз омузиши автореферат метавон хулоса кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии М.С. Раҷабзода саривақтӣ ва мустақилона буда, хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқот бадастовардашуда метавонанд минбаъд дар рушду такмили қонунгузории ҶТ, ки асоси

танзими хизмат дар мақомоти прокуратураро ташкил медиҳанд, мусоидат намоянд. Нуқтаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, восита ва дастурҳо, тафсирҳо ва курсҳои такмили ихтисос, инчунин, курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии донишгоҳҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале дар баробари муваффақиятҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасад. Чунончи, зарур шумурда мешавад, ки нуктаи шашуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок карда шавад. Ба вазифаи пасттар гузаронидан ва паст кардани рутбаи дараҷавӣ ҳамчун ҷазои интизомӣ хилофи кадом санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ мебошад, ки онро муаллиф баён накардааст.

Ин ҳолат ба мазмуни мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсир намерасонад ва мавқеи муаллиф вобаста ба он пурсида мешавад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии автореферати диссертатсияи Раҷабзода Мутеъулло Сафаралӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки муаллифи он ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-маъмурии хизмати давлатии ҳифзи ҳуқуқ дар мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Мазмуни автореферати диссертатсияи М.С. Раҷабзода шаҳодат медиҳад, ки мавзуи таҳқиқот дар шароити имрӯза мубрам мебошад ва он ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
н.и.ҳ. Соибов З.М.

Имзои Соибов З.М. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

«22» 11 2023 с.